**Тақриз**

**ба фишурдаи рисолаи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ (такрорӣ) дар мавзуи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» (Душанбе, 2022, 26 саҳифа)**

Ҳанӯз нависандаи номдори рус Максим Горкий роҷеъ ба таъсири адабиёти гуфторӣ ба ашъори нозимону носирони гузаштаю муосир гуфта буд: «Беҳтарин эҷодиёт ва осори шоирони бузурги ҳамаи миллатҳо аз ганҷинаи адабиёти гуфтории халқ файзёб гардидааст». Бо назардошти ин андеша бояд гуфт, ки адабиёти гуфтории халқ ҳамчун сарвати маънавӣ ва маданӣ таърихи қадима дошта, намоёнтарин чеҳраҳою шахсиятҳои фарҳангӣ аз он чун мактаби маърифати зиндагӣ ва манбаи адонашавандаи илҳом мавриди истифода қарор додаанд. Аз ибтидо сар карда, то ба имрӯз ҷолибтарин мазмуну ғоя ва образу сюжетҳо дар адабиёти навишторӣ асоси фолклорӣ доранд. Ин ҳама фикрҳо далолатгӯи бузургии халқ ва адабиёти гуфтории ӯст.

Таҳқиқу таҳлил ва баррасии узвану маънан ба ҳам алоқамандию монандӣ ва қаробати адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ яке аз пахлуҳои муҳимми адабиётшиносии гузаштаю имрӯза аст.

Масъалаи мазкур дар иртибот ба ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ асосан аз солҳои 50-ум дар арафаи 1100-солагии устод ба таври алоҳидаю таваҷҷуҳангез ҳаллу фасл гашта, баъдан ҷоннок шудааст.

Ногуфта намонад, ки аввалин масъалаҳои анъанаи адабиёти гуфтории халқ дар осори Рӯдакӣ ё мавкею накши жанрҳои фолклорӣ дар эҷодиёти шоир мухтасаран дар китобҳои дарсии мактабҳои миёна ва баъдтар олӣ (аз қабили «Адабиёти тоҷик», «Таърихи адабиёти тоҷик» ва г.) дарҷ гардида, сониян дар алоҳидагӣ ба шакли мақолаю тезисҳо нашр шудаанд.

Нахустин муҳаққиқони ин самт С.Айнӣ, И. Брагинский ва С. Нафисӣ агарчи дар алоҳидагӣ набошад ҳам, дар ҷо – ҷойи осори худ масъалаи забону услуб ва монандии ашъори шоирро ба адабиёти гуфторӣ ёдрас ва ё ишора кардаанд. Баъдан, адабиётшиносон ва фолклоршиносони дигар, амсоли Н.Маъсумӣ, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, Р. Амонов, В. Асрорӣ, Т.Миров, Б. Тилавов, Р. Раҳмонӣ, С. Қосимӣ ва ғайра андешаҳои худро дар шакли мақолаҳою китобчаҳои алоҳида (бевосита ба ашъори Рӯдакӣ ва ё умуман ба масъалаи ҳамбастагии адабиёти гуфторию навишторӣ) бахшидаанд.

Дар ин радиф тазаккур бояд дод, ки рисолаи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» аввалин тадқиқоти муфассали илмию амалӣ ва бевоситаи соҳаи фолклоршиносӣ доир ба масоили ишорашуда буда, заҳматҳои чандинсолаи муаллифро рӯйи кор овардааст. Муаллифи

кор тавонистааст, ки бо нишондоди маълумоти сарчашмаю маъхазҳои зиёди таърихию адабӣ, муқоисаи онҳо ба андешаҳои мардумӣ, намунаҳои амалии осори шоир, овардани иқтибосот ва афкори муҳаққиқони соҳаи фолклоршиносию адабиётшиносӣ дар ин самт мавзуи мазкурро пеши рӯйи хонанда бикушояд, ки ин кушоишаш боиси дастгирист.

Қисмат ба қисмат, мувофиқ ба вазъияту ҳолат ва муносиб ба методҳои таҳқиқи соҳа баррасию ҳал намудани сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ - рӯзгор ва чеҳраи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, шоир ва адабиёти шифоҳӣ, ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардумӣ дар осори шоир дар асоси нақлу ривояту қиссаҳои гуфтории мардумӣ аҳаммияти назарию амалии тадқиқоти мазкурро дучанд намудааст.

Рисолаи мазкур аз се боб ва шонздаҳ фасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва руйхати гӯяндаҳо таркиб ёфтааст. Боби якум аз ҳафт фасл, боби дуюм аз шаш фасл ва боби сеюм аз се фасл иборатанд, ки муҳтавои онҳо бад-ин рақаманд:

Боби якум «Рӯзгор ва чеҳраи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ривоятҳои мардумӣ» унвон дошта, мавзуъҳои зеринро дар бар гирифтааст: «Ривоятҳои мардумӣ оид ба зодгоҳ ва овони кӯдакии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», «Муносибати Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо амирони Сомонӣ дар ривоятҳои мардумӣ», «Симои Рӯдакии шоир ва ҳаким дар нақлу ривоятҳои мардумӣ», «Симои Рӯдакии ошиқ дар ривоятҳои мардумӣ», «Нобиноии Рӯдакӣ аз рӯйи ривоятҳои мардумӣ», «Назари мардум дар бораи мазор ва ҷойи дафни Рӯдакӣ» ва «Ривоятҳои мардумӣ дар бораи авлоди Рӯдакӣ ва муносибати онҳо ба шахсияти шоир». Чуноне ки пайдост, муаллиф дар боби аввал асосан нақлу ривояту қиссаҳои гуфтории мардумро доир ҷараёни зиндагӣ (овони кӯдакӣ ва пиронсолии шоир), зодгоҳ, муносибати шоир бо амирон, чеҳраву симо, аз ҷумла нобиноии ӯ, завқу салиқаи шоир (ошиқиҳою зебопарастиҳои шоир), мазору ҷойи дафн ва авлоду аҷдоди шоир оварда, дар мавридҳои лозимӣ ин андешаҳои мардумиро дар муқоиса бо маълумотҳои дигар сарчашмаю маъхазҳои таърихию адабӣ таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаҳои дурусти илмӣ баровардааст, ки нигоштаҳои муаллиф боиси таҳсин аст.

«Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва адабиёти шифоҳӣ» - чунин ном дорад, боби дуюми рисола. Дар боби мазкур, ки аз шаш фасли зайл сохта шудааст: «Бозтоби махлуқоти асотирӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», «Зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ дар ашъори Рӯдакӣ», «Истилоҳоти фолклорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», «Чистон ё лугз дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», «Марсия дар эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» ва «Чеҳраҳои асотириву фолклорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» сухан роҷеъ ба унсурҳои тахайюливу асотирӣ (аз қабили тимсолҳои дев, аждаҳо, шайтон, симурғ, ҷин парӣ),

истифодаи зарбулмасалу мақолҳо дар осори шоир (дар ду шакл – айнан ва мазмунан), корбурди истилоҳоти соҳаи фолклоршиносӣ (афсона (дар шакли фасона), суруд, муаммо, зарбулмасал (дар шакли масал), қисса, панд ва г.), мавқеи чистон (луғз) ва марсия дар эҷодиёти шоир ва бозтоби чеҳраҳои фолклориву таърихӣ дар осори Рӯдакӣ (ба мисли Ҳотами Той, Луқмони Ҳаким, Кисро, Рустам, Сифандиёр (Исфандиёр), Сом, Лайливу Маҷнун, Юсуф ва Зулайхо) рафта, муаллиф бо андешаҳои илмӣ ва нишондоди мисолу намунаҳои фаровон аз эҷодиёти шоир фикрхои худро пешкаши хонандаи нозукбин гардонидааст.

Боби сеюми рисола «Тасвири ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардумӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» (иборат аз се фасл – «Тасвири ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», «Инъикоси одобу русуми азодорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», «Инъикоси боварҳои мардумӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ») буда, масоили марбут ба унсурҳои илми фарҳангшиносӣ, мардумшиносӣ, адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии алоқаманд ба ашъори Рӯдакиро дар бар гирифта, роҷеъ ба мавзуъҳои бевоситаи фаслҳои болоиро (амсоли ҷашнҳои миллии Наврӯзу Меҳргон, одату суннатҳои маросими азодорӣ-мӯй ва рӯйкании занон, гиристани марди сӯгвор, ҷомаи сиёҳ ба бар кардани мардон ва марҳилаи «мурдашӯӣ») матраҳ намудааст.

Хулоса, феҳристи адабиёт ва рӯйхати ғӯяндаҳо қисматҳои ҷамъбастии рисолаи мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Ҳамвора бо муваффақият ва гуфтаҳои болоӣ бояд ишора кард, ки баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ дар рисола (ҳангоми хондани фишурдаи он) ба чашм расид, ки ба андешаи ин ҷониб ислоҳи онҳо боиси хубтар гаштани муҳтавои рисола мегардад:

1. Дарҷ гардидани аввалин масъалаҳои анъанаи адабиёти гуфтории халқ дар осори Рӯдакӣ ё мавқею нақши жанрҳои фолклорӣ дар эҷодиёти шоирро дар китобҳои дарсии мактабҳои миёна ва баъдтар олӣ (аз қабили «Адабиёти тоҷик», «Таърихи адабиёти тоҷик» ва ғ.) ҳатман дар рисола ишора бояд кард.
2. Дар фасли чоруми боби дуюми рисола, ки «Чистон ё луғз дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» номгузорӣ шудааст, асосан чистон ё луғз ҳамчун санъати шеърӣ баррасӣ ва мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Ба андешаи банда мебоист чистон ё луғз ҳамчун жанри фолклорӣ ҳаллу фасл мегардид (дар бобати чистон жанр аст ё санъати бадеӣ андешаҳо зиёд ва гуногунанд, ки ин ҷо мавриди баҳс нест).
3. Дар матн баъзан истилоҳоти адабиётшиносӣ иштибоҳан (ба андешаи ман) омадаанд. Барои мисол дар саҳифаи 22-и фишурда чунин навишта шудааст: «... Пажӯҳиш нишон дод, ки дар ашъори дар ин бахш сурудаи Рӯдакӣ (фасли «Инъикоси одоби расму азодорӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»-ро дар назар дорад – Қ.С.А.) дар ҳар

гуна анвои шеърӣ: қитъа, **шеър**, рубоӣ ва байтҳои алоҳида баён ёфтаанд», ки калимаи **«шеър»** нодуруст оварда шудааст.

Новобаста аз гуфтаҳои болоӣ рисолаи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ (такрорӣ) дар мавзуи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» тибқи талаботи кори илмӣ иншо шуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

**Номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ** Қосимӣ С.А.

**Имзои С.А. Қосимиро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **А. Мустафозода**

**Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 121.**
**Тел.+992(37) 224 13 83**
**E-mail:tgpu@mail.ru**
**WWW.tgpu@mail.ru**

**17 ноябри 2022**